## НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ БА ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.KOA-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН ПЕШНИҲОД МЕНАМОЯД

1. Аризаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо зикри номи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он пешниҳод карда мешавад.
2. Мактуби ҳамроҳ аз муассисаи пешниҳодкунандаи диссертатсия ба номи роҳбари муассисае, ки дар назди он Шӯро амал мекунад;
3. Дастнависи диссертатсия, ки тибқи "Дастурамали КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ" омода гардидааст (3 нусха);
4. Дастнависи автореферати диссертатсия дар шакли саҳифабандишуда дар шакли як китобча ба ду забон (забони давлатӣ ва русӣ) ва аннотатсияи диссертатсия ба забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ ҳар яке дар ҳаҷми як саҳифа;
5. Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо аз ҷойи кор ё таҳсил, тавсифнома, ки бо имзо ва муҳр тасдиқ шудааст;
6. Нусхаи ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи дипломҳои дараҷаи илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ (дипломи номзади илм, доктори (PhD), мутахассис ва ё магистр);
7. Маълумотнома дар бораи хатми докторантура, постдокторантура, аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос, адъюнктура, ординатура ё гузаштани зинаи унвонҷӯӣ;
8. Нусхаи асли шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ ё имтиҳонҳои ҷамъбастии докторантура аз рӯи ихтисос;
9. Нусхаи интишороти довталаб вобаста ба мавзӯи диссертатсия;
10. Тақризи роҳбари (мушовири) илмӣ вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ ва худи довталаб;
11. Хулосаи натиҷаҳои ташхиси муқаддамотии диссертатсия дар муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст (Хулосаи тасдиқшудаи Муассиса дар бораи баррасии диссертатсия бояд шомили бандҳои зерин бошад: дуруст барасмият даровaрда шудани он, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ, автореферат ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст, теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда, саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мувофиқати он ба соҳа ва ихтисосҳои Шӯро, дархости Муассиса ба Шӯро).

12. Тақризҳои муқарризони холис оид ба ташхиси муқаддамотии диссертатсия дар Муассиса (давраи дуюм);
13. Протоколи маҷлиси шӯрои олимони (ё зерсохтори дахлдори) Муассиса дар бораи баррасии диссертатсия;
14. Нусхаи шиноснома (Нусхаи ксерокопии саҳифаҳои шиносномаи шаҳрвандӣ, ки маълумоти анкетавиро доир ба довталаби дараҷаи илм дорад, (барои шаҳрванди хориҷӣ тарҷума бо забони давлатӣ дар нотариус тасдиқшуда);
15. Маълумотнома ва (ё) санадҳо, дигар ҳуҷҷатҳое, ки оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, (агар мавҷуд бошад), шаҳодат медиҳанд.
16. Нусхаҳои аслӣ (оттиск) ё ксерокопияи корҳои дар автореферат овардашуда, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд, инчунин, барномаҳои анҷуманҳои илмӣ, конференсияҳо, симпозиумҳо, ки дар онҳо иштироки довталаби дараҷаи илмӣ тасдиқ шудааст;
17. Ду лифофаи почта бо маркаҳо: яке бо суроғаи довталаби дараҷаи илмӣ, дигаре бо суроғаи шӯрои диссертатсионӣ, ки дар он диссертатсия ҳимоя шудааст. Дар тарафи муқобили лифофа бо суроғаи шӯро, дар тарафи чапи кунҷи боло насаб, ном, номи падари довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва дараҷаи илмии дарёфтшаванда навишта мешавад.
18. Маълумотнома оид ба санҷиши асолати матни диссертатсия ё автореферати таҳқиқот (тавассути барномаи “Антиплагиат”);
19. Нусха аз протоколи Шӯрои олимони Муассиса оид ба тасдиқи мавзуъ ва роҳбари (мушовири) илмии довталаби дараҷаи илмӣ;
20. Нусхаи Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА/ИНН) – 2 нусха.
21. Маълумотномаи ММПИ – 2 нусха.